## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ - конститутсионӣ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст.**

Баъди ба дастовардани Истиқлолияти давлатӣ яке вазифаҳои асосии дар назди давлат гузошта шуда қабули ҳуҷҷати олии сиёсӣ яъне Конститутсияи кишвар ба шумор мерафт, ки бояд танзимкунандаи муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ гардад ва зарур шуморида мешуд, ки ҳар чи зудтар лоиҳаи он омода карда шавад ва барои қабул пешниҳод гардад.

Бо ҳамин мақсад Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикситон 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумумихалқӣ қабул гардид ва шуруъ аз ин сана дар Тоҷикистон таҳаввулоти бузург ба миён омад. Бояд иброз намуд, ки меъёрҳои Конститутсия шахшуда набуда бо раванди ташаккули меъёрҳои Конститутсия ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ алоқаманд мебошад, ки дар натиҷа ба Конститутсия тағйиру иловаҳои дахлдор ворид мегардад. Аниқтараш мушаххас намудани роҳҳои инкишофи таърихӣ бо назардошти равандҳои нави инкишофи ҷамъиятӣ бахри такмилӣ Конститутсия дар мамлакат ислоҳоти конститутсионӣ гузаронида мешавад. Зеро такмили меъёрҳои Конститутсия бахри инкишоф ва пешрафти ҷомеа, рушди устувори сиёсӣ иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ заминаҳои мустаҳками ҳуқуқиро муҳайё менамояд. Аз ин лиҳоз муайян намудани мафҳум ва моҳияти ислоҳоти конститутсиони мавзуи мубрами ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад. Новобаста аз таҳқиқотҳои зиёд дар ин самт то ҳол мафҳум ва моҳияти падидаи мазкур муайян нест. Вобаста ба ин таҳқиқоти диссертатсионии Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ - конститутсионӣ» саривақтӣ буда, масоилҳои ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқии ислоҳоти конститутсионӣ ва марҳилаҳои онро равшан ва возеҳ менамояд.

Дар рисола унвонҷӯ кушиш намудааст, ки мафҳум ва моҳияти ислоҳоти конститутсионӣ, принсипҳои ҳуқуқии гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ ва марҳилаҳои онро мавриди пажуҳиш қарор диҳад. Инчунин дар рисола ташаккули падидаҳои конститутсионӣ дар заминаи ислоҳоти конститутсионии соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва таҳлил гардидааст. Андешаҳое, ки зимни таҳқиқот иброз гардидаанд, назари инфиродии муҳаққиқ буда, бо далелҳои назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди мубрам арзёбӣ гардидани таҳқиқи ислоҳоти конститутсионӣ ҳамчун як падидаи муҳимми илми ҳуқуқи конститутсионӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ба таври пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар корҳои илмии анҷомёфта танҳо қисматҳои ҷудогонаи ислоҳоти конститутсионӣ таҳлил гардидааст.

Аз ин рӯ дар шароити имрӯзаи инкишофи давлат бо дарназардошти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи падидаи мазкур аз нигоҳи ҳуқуқӣ эҳсос мегардад.

Дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда унвонҷӯ Шерализода Ҷомӣ Шералӣ ба хулосаҳои зерин омадааст:

- Дар ташкилу бунёди давлати миллии Тоҷикистон Конститутсия ҳамчун санади бунёдгузори давлатӣ нақши ҳалкунанда дорад. Конститутсия санадест, ки заминаҳои меъёрии бунёдии давлатиро баҳри пайвасти насли гузаштаву оянда ба миён овард. Маҳз бо дарназардошти инкишофи конститутсионии давлатдории тоҷикон, ки дар заминаи ислоҳот ба вуҷуд омадааст, ки он муҳимтарин шарти рушди муносиби ҷомеа ва давлат буда устувории Қонуни асосии кишвар ба ҳисоб меравад.

- Яке аз шартҳои бомуваффақият гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ, ин муайян намудани асосҳо ва ғояҳои роҳбарикунандаи он ба шумор меравад. Бо ин мақсад зарур аст, ки ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ислоҳоти конститутсиониро, ки аз таасуротҳое дар ҷомеаи муосир вуҷуд доранд, ва онро ҳамчун ҷараёни сиёсӣ-ҳуқуқие, ки моҳияти иҷтимоӣ доранд муайян намоем.

Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки дар принсипҳои ислоҳоти конститутсионӣ бевосита мазмуни асосҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғоявӣ ифода гардад ва ҳамчунин нишонаҳои асосии муносибати ташкилии раванди ислоҳот, шакли ҳуқуқии он ва ҷанбаҳои бунёдии ҳуқуқӣ муайян карда шавад. Дар асоси ин гуфтаҳо ба хулоса омадем. ки ба сифати ғояҳои роҳбарикунандаи принсипҳои ислоҳоти конститутсионӣ асосҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, ғоявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилие баромад мекунад, ки аз моҳият, мазмун ва шакли амалишавии ташаккули Конститутсия бармеоянд.

- Муқаррар намудани марҳилаҳои ислоҳоти конститутсионӣ бо муайян намудани ислоҳоти конститутсионӣ ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқӣ-давлатӣ вобаста аст. Ба андешаи муаллиф, ҷудо намудани марҳилаҳои ислоҳоти конститутсионӣ вобаста ба давраҳои қабули конститутсия, моҳияти падидаи мазкурро маҳдуд месозад, зеро ислоҳоти конститутсионӣ ҷараёни доимоамалкунанда мебошад. Бо роҳи гузарондани ислоҳоти конститутсионӣ пеш аз ҳама падидаҳои давлатдории мукаммал мегарданд, ки маҳз он инъикоси худро дар Конститутсия меёбанд.

- Асосҳои сохтори конститутсионӣ асоси бунёди давлатдории муосир мебошанд ва онҳо принсипҳои асосии низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғоявии давлатро инъикос мекунанд. Дар натиҷаи таҳлилҳои мафҳуми асосҳои сохтори конститутсионӣ аз ҷониби олимон муаллиф ба хулосае меояд, ки мазмун ва моҳияти асосҳои сохтори конститутсионӣ ду ҷанбаро дар бар мегирад - ҳуқуқӣ ва ҳақиқӣ. Ҷанбаи ҳуқуқи расмӣ буда низоми меъёрҳо ва принсипҳое, ки дар Конститутсия мустаҳкам гардидаанд ташкил медиҳад. Дар навбати худ ҷанбаи ҳақиқӣ воқеияти объективӣ яъне низоми муносибатҳои воқеан дар ҷомеа ҷойдоштаро инъикос менамояд (масалан, дар заминаи ҳуқуқӣ амали намудани таҷзияи

ҳокимияти давлатӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсон ва ғайра).

- Ҳуқуқҳои инсон дар асосҳои сохтори конститутсионии давлати муосир мавқеи марказиро ишғол менамоянд. Ҳангоми ташаккули низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994, ба сифати асос муқарраротн санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва ду Паймони байналмилалӣ, ки дар онҳо принсипҳои асосии ҳуқуқи инсон дар ҷумҳурӣ таҷасум ёфтаанд, гирифта шуданд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукамалӣ илмӣ оид ба падидаи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Андешаҳои зикргардида навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи дессертатсия нишон медиҳанд. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатси аз ҷониби муаллиф илман ва амалан асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти асосии муаллиф – дар 21 мақола, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Шерализодаа Ҷомӣ Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ - конститутсионӣ», сазоворӣ дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалиии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе** **Диноршоҳ А.М.**

**Имзои А.М. Диноршоҳ-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсус** **Шариф С.М.**
**«20» 12 2022 с.**